Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)» кори илмии мустақилона ва анҷомёфта мебошад, ки бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия:**

Дар тули таърихи инсоният маориф ҳамеша як воситаи муҳимми интиқоли дониш ва арзишҳои фарҳангии наслҳо буд. Маориф имрӯз низ дар ташаккули шахсият ва тамоми ҷомеа манзалати хоса дорад. Дар ҷаҳони муосир он на танҳо махзани донишу малака аст, балки ба ҳайси таҳаррукбахшандаи тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, салоҳияти иҷтимоӣ, адолати иҷтимоӣ, фаҳмиши фарҳангӣ, асоси рушди иқтисодӣ ва рушди устувори ҷомеа, ташаккулдиҳандаи мавқеи шаҳрвандӣ ва фаъолият дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ эътироф гардидааст.

Гузашта аз ин, маориф мавкеи давлатро дар ҷаҳони муосир ва шахсро дар ҷомеа муайян намуда, гарави тараққиёти вусъатёбандаи қувваҳои истехсолкунанда, илму техника, фарҳанги ҷомеа, мустаҳкам намудани системаи амнияти миллӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ мебошад.

Ин ва дигар масъалаҳои вобаста ба маориф таҳқиқи доимии илмӣ ва амалиро тақозо доранд. Бинобар ин, мавзуи интихобшудаи кори диссертатсионии Гадоев Н. З., ки ба таҳқиқи масъалаҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бахшида шудааст, мубрам арзёбӣ карда мешавад.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионии Гадоев Н. З. ин «муайян намудани хусусиятҳои инкишоф ва дурнамои рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар шароити дигаргуншавии ҷомеа» (дисс., с.13) ба шумор меравад. Барои расидан ба мақсад 5 вазифа гузошта шуда, муҳимтарини онҳо – таҳлили асосҳои илмию назариявӣ ва методологии рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф; муайян намудани омилҳои ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар давраи гузариши ҷомеа; таҳлили амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф; арзёбии раванди таҳкими модернизатсионии сиёсати давлатии соҳаи маориф дар Тоҷикистон; баррасии дурнамои инкишофи соҳаи маориф дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон ва ғайра ба шумор меравindependent.

Барои дастёбӣ ба мақсад ва ҳалли бомуваффақияти вазифаҳо диссертатсия аз муқаддима, ду боб бо чор зербоб, хулоса ва феҳрасти адабиёт мураттаб шуда, 190 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифтааст. Ҳамчунин, қайд кардан зарур аст, ки барои таҳқиқу баррасии илмӣ аз ҷониби диссертант методҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ интихоб карда шудааст, ки барои анҷоми босифати кор мусоидат кардааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Дар диссертатсия 5 навгонӣ ва 5 нуктаҳои илмӣ мавриди дифоъ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, ба мазмуни навгонии натиҷаҳои бадастомада марбут дониста мешавад: зарурияти илмию назариявии таҳқиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф муайян карда шудааст; ташаккули раванди таҳаввули соҳаи маориф дар давраи гузариш таҳқиқу таҳлил гардидааст; тағйири сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ватанӣ ба роҳ монда шудааст; роҳҳои татбиқи равандҳои инноватисонӣ ва модернизатсионӣ дар соҳаи маориф муайян карда шуданд; раванди мутобиқнамоии омилҳои мусбати

маорифи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар таҷрибаи морифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд.

Инчунин 5 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда дар Муқаддимаи диссертатсия оварда шудаанд (ниг.: дисс., с.15-16) ва мо аз такроран овардани он дар тақриз худдорӣ менамоем. Навгонӣ ва нуктаҳои илмии зикршуда дар зербобҳои мушаххаси диссертатсия ба таври эътимодбахш асоснок карда шудаанд.

Аз назари мо, дар маҷмуъ тозаэҷодӣ ба муаллиф имкон додааст, ки як таҳқиқи илмии ҷамъбастӣ бо навгониҳои илмиро дар робита ба омӯзиши рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маорифро пешниҳод намояд.

Муқаддимаи диссертатсия шомили масоили марбут ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии диссертатсия ва навгониҳои он, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ, нукоти асосии кор, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ва амсоли он мебошад.

Боби якуми диссертатсия – «Асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф» – аз ду зербоб иборат буда, таҳлилу таснифи мафҳумҳои «сиёсати давлат дар соҳаи маориф» ва «сиёсати маориф», даврабандӣ ва таҳлили татбиқи амалии барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф, омилҳои ташаккул ва инкишофи маориф дар раванди дигаргуншавии ҷомеа ва дигар масъалаҳои марбутро дар бар гирифтааст. Аз ҷумла, дар асоси таҳлили асосҳои илмӣ-назариявии соҳаи маориф, муаллиф кӯшиш намудааст, ки робитаи консепсияҳои фалсафӣ, психологӣ, сотсиологӣ, сиёсатшиносӣ ва педагогиеро, ки моҳияти системаи таълимиро ташаккул медиҳанд, муайян намояд.

Дар баробари ин, муаллиф тасаввуроту ақидаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро доир ба масъалаи матраҳшаванда таҳлил намудааст. Дар асоси таҳлили консепсияҳои гуногун довталаби дараҷаи илмӣ нишон медиҳад, ки олимон дар мушаххассозии мафҳуми «низоми маориф» асосан ба унсурҳо ва хусусиятҳои вазифавии ин ниҳод таваҷҷуҳ кардаанд. Дар пояи таҳлили консепсияҳо, довталаби дараҷаи илмӣ фаҳмиши муалифии сиёсати давлат дар соҳаи маорифро «ҳамчун маҷмӯи мураккаби амалҳо, хусусияти фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва таъсири онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятии ин ё он соҳа» (дисс., с.32) пешниҳод кардааст. Дар диссертатсия қайд шудааст, ки ба маънои маҳдуд, сиёсат дар соҳаи маориф маҷмӯи чорабиниҳоест, ки ба татбиқи ташаббусҳои асосии давлатӣ дар ин соҳа нигаронида шудаанд. Ба маънои васеъ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф мафҳумҳо,

принсипҳо, орзуҳо, ҳадафҳо ва стандартҳои татбиқи онҳоро дар бар мегирад.

Муаллифи диссертатсия ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии сиёсати давлат дар соҳаи маорифро таҳлил карда, хулоса менамояд, ки дар соҳаи маорифи тоҷик дар шароити давраи гузариш тағйиротҳои назаррасимусбат ба миён омадаанд. Дар баробари ин, дар диссертатсия мушкилот ва камбудиҳои мавҷудаи соҳаи маориф, имкониятҳои бартараф намудани онҳо мавриди муҳокимаи илмӣ қарор дода шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия – «Раванди татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф» аз се зербоб сохтор гирифтааст. Дар боби мазкур муаллиф тасмим гирифтааст, ки масъалаҳои марбут ба мақом ва нақши сиёсати давлат дар инкишофи маориф, таъмини шароити замонавии моддиву техникӣ, воситаҳои иловагии молиявӣ ва қабули қарорҳои давлат дар соҳаи маориф, гузаронидани ислоҳот дар ин соҳа, хусусан раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, ҳолат ва дурнамои рушди низоми маориф дар шароити ҷомеаи тағирёбандаро матраҳ намояд. Дар ин самти кораш муҳаққиқ ба маводи оморӣ ва хулосаҳои мутахассисони соҳа такя намуда, нигоҳи худро доир ба ин масъалаҳо асоснок кардааст. Натиҷаи баррасиҳо муаллифро ба чунин хулоса мерасонад, ки «дар даврони истиқлолият вазифаҳои миллӣ дар соҳаи маориф ва тарбия намуди нав ва мазмуни нав пайдо карданд. Дар шароити Тоҷикистон, ки андешаи миллӣ дар муҳити ҷамъиятӣ бартарӣ пайдо кард, консепсияҳои миллии таълим мустаҳкам шуданд. Дар робита ба ин, таҳсилот ва тарбия қисми ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ гардиданд ва метавонанд дар таъмини суботи ҷомеа нақши калидӣ дошта, ҳамчун воситаи муассир амал кунанд» (дисс. с.100-101).

Дар маҷмуъ, дар матни диссертатсия андешаҳои солим, асоснок ва илмии муҳаққиқ Гадоев Н. З. эҳсос мешаванд, ки дар заминаи таҳлили маводи зиёди илмӣ ва амалӣ сурат гирифтаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои**
**дар диссертатсия зикршуда**

Эътимоднокӣ ва боварибахш будани натиҷаҳои илмии бадастомада дар заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди манбаъҳои илмӣ, истифода аз маҷмуи методҳои умумиилмӣ ва соҳавӣ ва далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда муайян мегардад

Хулосаи диссертатсия аз 6 банд иборат буда, натиҷаҳои асосии кори илмиро инъикос менамояд.

Дар маҷмуъ, аз матни диссертатсия равшан маълум мегардад, ки мақсаду вазифаҳои дар назди диссертант гузошташуда асосан иҷро

шудаанд. Сатҳу сифати илмии кори пешнҳодшуда дар он зоҳир мегардад, ки перомуни масоили дар бобҳо матраҳшуда назару андешаҳои пешқадами донишмандони соҳа ба эътибор гирифта шудаанд ва доир ба онҳо мулоҳизаи муаллифи диссертатсия баён гардидааст. Баҳс бо олимони соҳа бо риояи одоби илмӣ сурат гирифта, зимни эътирофи назари онҳо мулоҳизаҳои танқидии муаллиф баён шудаанд. Доштани фикри мустақили муаллифи диссертатсия дар ҳалли масъалаҳои мавриди таҳқиқ дар ҳар бобу зербоби кор мушоҳида мегардад.

**Норасоиҳо ва пешниҳодҳо:**

Бо вуҷуди ҳамаи ин муваффақиятҳо, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе ҳолатҳои баҳсноку ҳалталаб мавҷуданд.

1. Дар диссертатсия масъалаҳо дар бораи баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа ҳамчун қисми таркибии сиёсати давлат дар соҳаи маорифи мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст.

2. Дар зербоби 2-и боби 2 таърифи мафҳумҳои «ислоҳот» ва «модернизатсия» оварда шудааст, вале ин мафҳумҳо дар матни кор бештар ҳаммаъно истифода шуда, фарқият ва умумияти онҳо дақиқ риоя нашудааст. Ҳамчунин мафҳуми «навоварӣ», ки асосан ба маънои «инноватсия» истифода шудааст, масалан, дар саҳифаи 152 ҳамчун «модернизатсия» фаҳмида шудааст, ки гуногунфаҳмиро ба миён оварданаш мумкин аст.

3. Баъзе иброзҳои баҳснок ва зиддиятҳои мантиқӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар саҳифаи 36 муаллиф шоҳроҳи илму маориф ва тайёр кардани мутахассисонро роҳи осон ва бехарҷтарини боло бурдани обрӯи давлат эътироф мекунад ва дар баробари ин, худи диссертант дар асоси далелҳои оморӣ кӯшиш кардааст, ки зарурати афзоиши маблағгузорӣ ва ҷалби сармоя ба соҳаро асоснок намояд. Яъне, аз як тараф, гӯё ки «осону бехарҷ» аст, аз тарафи дигар, «заҳмату маблағ» металабад.

4. Диссертатсия комилу фарогиртар мешуд, агар дар он сатҳи қаноатмандии омӯзгорон ва мураббиён аз фаъолияти касбиашон дар партави татбиқшавии сиёсати давлат дар соҳаи маориф таҳқиқ карда мешуд.

5. Дар қисми хулосавии диссертатсия «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо» оварда нашудааст, агарчи дар автореферат матни он мавҷуд аст. Бинобар ин, пешниҳод мекунем, ки ҳангоми супоридани парвандаи унвонҷӯ ба КОА онро ислоҳ карда, дар «Ғалатнома» нишон дода шавад.

6. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ҷой доранд, ки ислоҳпазиранд.

Аз назари мо, ин камбудиҳои ҷузъӣ арзиши илмии диссертатсияи Гадоев Н. З.-ро доир ба таҳқиқи мавзуи матраҳшаванда халалдор карда наметавонанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Арзиши назариявии диссертатсия аз он иборат аст, ки мавод ва хулосаҳои умумии он як фаҳмиши наверо оид ба муайян намудани хусусиятҳои инкишоф ва дурнамои рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар шароити дигаргуншавии ҷомеа рӯи кор меорад. Маводи диссертатция, хусусан натиҷаҳои ба дастомадаи таҳлилӣ барои бунёд ва рушди ғояҳои илмӣ-назариявӣ дар таҳқиқотҳои минбаъда доир ба сиёсати маорифпарваронаи давлат мусоидат менамоянд.

Арзиши амалии диссертатсия дар он аст, ки мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро дар самаранок гардонидани фаъолияти ниҳодҳои идоракунии маориф, дар раванди ислоҳоти соҳаи мориф, ҳангоми мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва маводҳои лексионӣ оид ба фанҳои ҷомеашиносӣ, хусусан сиёсатшиносӣ истифода кардан мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Гадоев Н. З. дар доираи таҳқиқи масъалаи матраҳшаванда 9 мақолаи илмӣ чоп кардааст. Аз ин миқдор 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, нашр гардидааст. Диссертант дар таҳқиқи мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)» ва бозкушоии гиреҳҳои он саҳми муайян гузоштааст.

Автореферат бо мазмуну муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, мақолаҳои илмии дар саҳифаҳои маҷаллаҳои дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда мазмуну муҳтавои пажуҳишро комилан инъикос менамоянд. Маводи чоп намудаи муаллиф аҳамияти назариявию амалии кори диссертатсионии пешниҳодшударо таъмин менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз, хулосаи ҷамъбастӣ:**

Таълифи чунин диссертатсияро барои муҳаққиқ Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дастоварди илмӣ-таҳқиқотӣ мешуморем. Ин таҳқиқоти анҷомёфта дар байни таҳқиқотҳои эътирофшуда ҷойгоҳи хосе дошта метавонад ва муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, дотсент,
сарходими илмии шуъбаи фалсафаи иҷтимоии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Назар М.А.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 917-25-11-67
Почтаи эл.: mumin.nazar.67@mail.ru

Имзои Назар М. А.-ро тасдиқ менамоям:
нозири калони шуъбаи кадрҳои ИФСҲ
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Абдураҳмонзода Б.

28.08.2025с.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ